## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Сайвализода Ҷумахон Сайвалӣ дар мавзуи «Таҳаввул ва рушди ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст**.

Дар шароити кунунии ҷомеаи муосир бо таъсири равандҳои мусбӣ ва манфии ҷаҳонишавӣ таъмин ва амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҳар як давлати соҳибихтиёр масъалаи муҳим арзёбӣ гардида, зарурати омӯзиши илмӣ ва роҳҳои нави ташаккули ин ҳуқуқҳоро талаб мекунад. Анҷом додани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва дар ин замина, баланд гардидани сифати қонунҳо дар мамлакат василаи асосии расидан ба ин мақсадҳо маҳсуб меёбад. Вобаста ба ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми декабри соли 20218 иброз доштанд: “Ба субъектҳои ҳуқуқэҷодкунанда, аз ҷумла вакилони парламент зарур аст, ки сифати қонунҳои амалкунанда ва ба сатҳи рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар мутобиқ будани онҳоро мунтазам таҳлил карда, лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба талаботи рӯз мувофиқро таҳия намоянд”.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқи инсон, яъне таҳаввул ва рушди ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон бахшида шудааст. Мубрамии мавзуи мазкур аз он ҷиҳат асоснок карда мешавад, ки ба таври низомнок омӯхтани ташаккул ва рушди таърихии ҳуқуқу

озодиҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳадафи мушаххас сохтани вазъи ҳуқуқӣ, вижагиҳои амалишавӣ, ҷанбаҳои такмилталаби низоми кунунии ин категорияи ҳуқуқҳо зарурат дорад.

Ин нуқта бисёр муҳим аст, ки бе мушаххас сохтани қонунгузории кишвар дар самти ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоӣ беҳтар кардани шароити зиндагии шаҳрвандон, махсусан дар бахшҳои иқтисодиву иҷтимоӣ (хизматрасониҳои иҷтимоӣ, таъминоти иҷтимоӣ, ҳимояи иҷтимоӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои муносибатҳои иқтисодӣ ва монанди инҳо) ғайриимкон аст.

Дар шароити кунунии Тоҷикистон барои беҳтар кардани шароити иҷтимоӣ ва такмили муносибатҳои иқтисодӣ пурқувват гардонидани заминаҳои ҳуқуқии муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоии шаҳрвандон мавриди таваҷҷуҳи хос қарор мегирад ва барои муваффақ шудан ба ин ҳадаф, такмилу беҳтар сохтани асосҳои меъёрии ҳуқуқӣ бояд коркард шавад, ки ин ҳолат аҳаммияти мавзуи диссертатсияи мазкурро бозгӯ мекунад.

Бинобар ин, мавзуи диссертатсияи Сайвализода Ҷумахон Сайвалӣ воқеан муҳим буда, таҳқиқоти саривақтӣ, мубрам ва анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Сайвализода Ҷумахон Сайвалӣ соли 2012 шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намудааст. Аз соли 2012 то имрӯз ба ҳайси ассистенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кору фаъолият мекунад. Аз соли 2024 унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ соли 2024, №37 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Кори диссертатсионии Сайвализода Ҷумахон Сайвалӣ аз муқаддима, ду боб, 8 фасл ва 3 зерфасл, хулоса, тавсияҳои оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат мебошад

Рисолаи илмӣ бо такя ба афкори назар ва осори илмӣ-пажӯҳишии олимони маъруфи ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаҳои назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат, ҳуқуқи инсон, таърихи ҳуқуқ дар Тоҷикистон, ҳуқуқи иҷтимоӣ, ҳуқуқи иқтисодӣ, таъминоти иҷтимоӣ асос ёфта, нуктаҳои асосии пажӯҳиш бо истифода аз равишҳои илмии олимони ҳуқуқшиноси ватанию хориҷӣ коркард шудаанд.

Боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявӣ ва таърихи таҳаввули ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоӣ» ном гирифта, аз се фасл ва 3 зерфасл иборат аст. Таҳлили мазмун, моҳият ва хусусиятҳои ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоӣ имкон медиҳад, ки ба чунин натиҷагирӣ омад, ки онҳо маҷмуӣ ва тасодуфию аморфӣ нестанд, балки як гурӯҳи махсуси ба ҳам алоқаманди ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошанд. Ин ҳуқуқҳо ба консепсияи давлати иҷтимоӣ (яъне таъмини сатҳи баланди зиндагии шаҳрвандони худ), ки ба фаъолияти инсон дар соҳаи иқтисодӣ марбутанд, ба муносибатҳои иҷтимоии он бо ҷомеа, давлат, одамони дигар алоқаманд буда, ба рушди маънавии инсон мусоидат намуда, иштироки ӯро дар пешрафти иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа таъмин мекунанд.

Боби дувуми диссертатсия «Асосҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва кафолати ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар ҶТ» унвон гирифта, аз панҷ фасл таркиб ёфтааст. Муаллиф иброз менамояд, ки воситаи муҳимми таъмини ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоиву иқтисодӣ фаъолияти густуртаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ ва дигар мақомоти ваколатдор дар қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқие мебошад, ки барои танзими муносибатҳои ҷамъиятии дорои хусусиятҳои иқтисодиву иҷтимоӣ пешбинӣ шудаанд.

Хулоса ва натиҷагириҳои диссертант мушаххасан банд ба банд ҷамъбаст шудааст ва мазмуни ягонаи силсилавии корро инъикос мекунад. Феҳристи адабиёт мутобиқ ба мавзуи матраҳшуда буда, истинодҳо барои тақвияти пешниҳоди илмӣ мувофиқ ба матлаб истифода шудаанд.

Хулоса, диссертатсияи Сайвализода Ҷумахон Сайвалӣ дар мавзуи «Таҳаввул ва рушди ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар Тоҷикистон», ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, № 3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор, узви вобастаи
Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон Насриддинзода Э.С.
«5» феврали 2025 с.

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.
Тел.: (+992-37) 221-77-11;
E-mail: info@tnu.tj

Имзои Э.С. Насриддинзодаро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.
«6» феврали 2025 с.

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.
Тел.: (+992-37) 221-78-11.